«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ. Х.
_____
«___» _____ соли 2022

ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ЖУРНАЛИСТИКАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна дар мавзуи **«Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои «Тоҷикистон»»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ дар кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна соли 2011 факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси журналист хатм намуда, солҳои 2011-2012 муҳаррири маҷаллаи «Фирӯза», солҳои 2013-2020 муаллими ҳамкори Маркази омодагии қаблии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино», солҳои 2015-2018 аспиранти кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Ӯ аз соли 2019 то 2021 дар вазифаҳои гуногун ва аз моҳи январи соли 2022 ба ҳайси сармутахассиси Маркази рушди омӯзгории Раёсати рушди кадрҳои МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» фаъолият мекунад.

Роҳбари илмии Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна доктори илмҳои филология, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар таърихи 26.02.2015, қарори №8 тасдиқ шудааст.

Муҳтавои диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА-и Вазорати мактабҳои олӣ ва илми ФР:

[1-М]. Мансурова, М.А. Мавқеи воҳидҳои фразеологӣ дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»/

М.А.Мансурова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/3 (203). – С. 285-288.

[2-М]. Мансурова, М.А. Рушди барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ дар давраи Истиқлолият / М.А. Мансурова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/3. – С. 288-290.

[3-М]. Мансурова, М. А. Ифодаҳои маҷозӣ дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»/ М.А.Мансурова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 5. – С. 279-282.

[4-М]. Мансурова, М. А. Мавқеи баъзе пешвандҳои калимасоз дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»/ М.А. Мансурова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 8. – С. 289-292.

II. Маҷалла ва маҷмӯаҳои дигари илмӣ

[5 – М]. Мансурова, М.А. Мавқеи калимаҳои аслӣ дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»/ М. А. Мансурова // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» ба муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов (22-23 октябри соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 352-358.

[6 – М]. Мансурова, М.А. Мавқеи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»/ М.А. Мансурова // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» ба муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов (22-23 октябри соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 392-403.

[7 – М]. Мансурова, М.А. Баъзе мулоҳизаҳо доир ба хусусиятҳои савтии барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» / М.А. Мансурова, М.М. Мирзоева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои илм ва таҳсилоти журналистӣ дар шароити ташаккули рӯзноманигории чандрасонаӣ» бахшида ба 80-солагии профессор Абдусаттор Нуралиев (21 октябри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С. 96-112.

Диссертатсияи Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна дар мавзуи **«Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои «Тоҷикистон»»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ дар кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 18 апрели соли 2022, суратҷаласаи №3 баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштироки муқарризони холис – доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳомидов Дилмурод

Рачабович ва номзади илми филология, мутахассиси пешбари илмии шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Холназарова Зебунисо муҳокима гардид. Аз маърузаи муаллифи диссертатсия, саволу ҷавоб, баромади муқарризони холис ва муҳокимаи диссертатсия

чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ ва соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон боиси он гардид, ки забони давлатии мо ба марҳилаи нави рушду такомул ворид шавад. Маҳз ба туфайли соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳи олимони забоншинос ба масъалаи покизагии забони тоҷикӣ дучанд гардид. Ин марҳила ба пайдоиш ва доман паҳн кардани воситаҳои ахбори омма шароити мусоиде ба миён овард. Аз ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар арсаи журналистика якбора миқдори зиёди рӯзномаҳо, шабакаҳои мухталифи радиоӣ ва телевизионӣ ба миён омаданд ва ҳамаи онҳо бо роҳу воситаҳои мухталиф забони адабии тоҷикиро тарғиб менамоянд. Ба ибораи дигар, барандаи асосии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ васоити ахбори омма (ВАО) ба ҳисоб мераванд. Тамоми тағйироту навгониҳое, ки имрӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба миён меояд, дар маводи ВАО инъикос ва дар байни мардум паҳн мегардад. Ин дигаргуниҳо ба забон низ бетаъсир намемонанд. Бинобар ин омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои мухталифи забони ВАО дараҷаи инкишоф ва таҳаввулоти грамматикии забонро муайян мекунад. Таҳқиқи густардаи хусусиятҳои савтию луғавӣ ва фразеологӣ дар диссертатсияи Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна дар заминаи барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои «Тоҷикистон» таваҷҷуҳи хоса зоҳир шудааст, ки аз ҷумлаи **вазифаҳои муҳимми илми забоншиносист**.

Диссертатсияи Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна дар мавзуи **«Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои «Тоҷикистон»»** ба мавзуи хеле мубрам бахшида шуда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст ва таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ. Муайян намудани хусусиятҳои савтӣ, луғавию фразеологии забони зиндаи тоҷикӣ дар матни гуфторҳои барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» аст. Аҳаммияти мавзуи мавриди назарро ба инобат гирифта, муаллиф мақсад гузоштааст, ки дар асоси маводи гуфторҳои барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» хусусиятҳои савтӣ, луғавию фразеологии забони зиндаи тоҷикиро мавриди омӯзиш қарор диҳад. Азбаски барномаҳои фарҳангиву фароғатии радио ба аудиторияи васеи шунавандагон нигаронида шудаанд, журналистон бо маҳорати худ бояд диққати онҳоро ҷалб намоянд. Аз ин рӯ онҳо бояд дониши мукаммали забонӣ дошта бошанд, то барномаашон ҷолибу шуниданӣ гардад. Ин ҷиҳати фаъолияти радио низ паҳлуи дигари таҳқиқотро ташкил медиҳад.

Вазифаҳои таҳқиқ. Барои ба даст овардани мақсади асосии таҳқиқот иҷрои вазифаҳои зерин дар назар дошта шудааст:

– муайян намудани нақши барномаҳои фарҳангӣ дар ташаккул ва такомули забони адабии тоҷикӣ;

– омӯзиши таърихи ташаккули барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои "Тоҷикистон";

– таҳқиқи дараҷаи омӯзиши мавзуъ дар забоншиносии тоҷик;

– таҳқиқи хусусиятҳои савтии барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ;

– муайян намудани хусусиятҳои услубии воҳидҳои луғавии барномаҳо;

– муайян намудани хусусиятҳои услубии воҳидҳои фразеологӣ;

– таҳқиқи риояи меъёри забони адабӣ дар истифодаи воҳидҳои забон дар гуфторҳои радио;

– ошкор намудани нақши журналистони радио дар ташаккули забони адабии муосири тоҷикӣ;

– нақши воситаҳои муассири нутқ дар барномаҳои радио.

Муаллиф ба ҳимоя **нуктаҳои асосӣ** ва меҳвариеро пешниҳод намудааст, ки воқеан, дар илми забоншиносӣ арзиш ва аҳаммияти зиёд доранд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Бори аввал дар асоси барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» хусусиятҳои забони зинда ва услуби он, риояи меъёри забон дар интихоб ва истифодаи воҳидҳои забон мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Он кӯшиши аввалин барои маънидод кардани унсурҳои савтӣ, луғавӣ ва фразеологӣ мебошад, ки дар матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» корбаст гардидаанд. Дар рисола ҳангоми таҳлили мавод дар истифодаи дуруст ва нодурусти воҳидҳои савтӣ, калимаву истилоҳот, категорияҳои семантикӣ ҳамеша меъёри забони адабиро ба инобат гирифта, то кадом андоза бамавқеъ, дуруст ва нишонрас кор фармудани дурдонаҳои забон аз нигоҳи услубшиносӣ дида баромада шудааст.

Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назарии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои аз диссертатсия бадастомада то андозае ҷанбаҳои назарии забони ВАО-ро пур карда, дар пайдо кардани маълумоти назариву амалӣ роҷеъ ба таърихи ташаккул, забон ва услуби барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» ва амсоли ин ба муҳаққиқони ҷавон ёрмандӣ хоҳад кард. Ин таҳқиқот дар оянда метавонад, ҳамчун рисолаи бунёдӣ барои корҳои илмии ба забони ВАО бахшида шуда хизмат намояд.

Арзиши амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он дар таълими курсу семинарҳои махсус, корҳои амаливу лабораторӣ аз

фанҳои медиалингвистика, лексикология, фразеология ва услубшиносӣ, таълифи дастури таълимӣ доир ба забони ВАО, тарбияи журналистони ҷавон, хоса ровиёни барномаҳои радиову телевизион, навиштани корҳои курсиву дипломӣ ва рисолаҳои хатм мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин чун мактаби маҳорати эҷодӣ барои журналистони ҷавон хоҳад буд.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодгардида ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таълиф шуда, дар асоси ин нақша марҳала ба марҳала иҷро гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф мӯҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Хулоса, шурои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кори диссертатсионии Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовнаро кори илмӣ-таҳқиқии муҳим ва арзишманд меҳисобад. Диссертатсия ва автореферати Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна дар мавзуи **«Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои «Тоҷикистон»»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат дошта, шурои олимон дар асоси тақризҳои мусбат ва баромади муқарризони холис – доктори илми филология профессор Д. Р. Ҳомидов ва номзади илми филология З. Холназарова барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: 16 нафар аъзои шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №9, аз 01.06.2022.

Раиси шурои олимон,
Доктори илмҳои филология, дотсент Қутбиддинов А.Ҳ.

Муқарризони холис:

Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи ДМТ — Ҳомидов Д.Р.

Номзади илмҳои филологӣ, мутахассиси пешбари илмии шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Холназарова З.

Котиби илмии шуро — Қурбонов И.А.

Имзоҳои
А.Ҳ. Қутбиддинов, Д.Р. Ҳомидов ва И.А. Қурбоновро тасдиқ мекунам:

сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Тавқиев Э.Ш.

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«7» июни соли 2022

Имзои Холмирзоева З.-ро тасдиқ мекунам:
нозири калони кадрҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ — Нарзиқулова Ҳ.М.

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 21
Тел: (+992) 221-70-30; факс: 221-32-02
E-mail: iza_rudaki17@mail.ru
«7» июни соли 2022